## ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № _______

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30 майи соли 2023, тахти №35 дар бораи сазовор донистани Файзализода Бахтиёр Файзали, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ - назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 21.02.2023, суратмаҷлиси №24 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Файзализода Бахтиёр Файзалӣ 7-уми декабри соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2011 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли 2018 ба кор ба мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардида, айни ҳол дар вазифаи ёрдамчии калони прокурори ҳарбии гарнизони Суғд фаъолият дорад.

Аз 19-уми майи соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои ҳимояшаванда ба тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19-уми майи соли 2017, №122-05).

Мавзуи диссертатсия – «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ - назариявӣ» дар ҷаласаи шурои олимони факулети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (29-уми майи соли 2017, №5).

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 27.12.2022 сол, тахти №158 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

иҷро гардида, дар ҷаласаҳои он борҳо муҳокима карда шуда, ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия дода шудааст (аз 28-уми январи соли 2023). Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 28-уми январи соли 2023 муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Раҳмон Дилшод Сафарбек** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Буризода Эмомалӣ Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Алиев Фаррух Шарифович** – мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикорупсионии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумрӯки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Муассисаи пешбар** – «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе), ки аз ҷониби ташхисгар Холинова М.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Расулов Ф.М., ва котиби ҷаласа, мутахассис-коргузори кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бозорова С.С. (аз 28-уми марти соли 2023, таҳти №28) имзо ва аз ҷониби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. санаи 04.05.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Файзализода, Б.Ф. Назария ва амалияи пайдоиши ҳуқуқи инсон ба таҳсил / Б.Ф.Файзализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – № 2/6 . – С. 261-264. ISSN 2413 – 5151

2. Файзализода, Б.Ф. Нақши Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар дар инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил / Б.Ф. Файзализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – № 3. – С. 207-210. ISSN 2413 – 5151

3. Файзализода, Б.Ф. Ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи Зардуштӣ / Б.Ф. Файзализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – № 2/10. – С. 237-242. ISSN 2413 – 5151

4. Файзализода, Б.Ф. Инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи мусалмонӣ ва давраи амали он дар сарзамини таърихии тоҷикон / Б.Ф. Файзализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – № 3. – С. 233-239. ISSN 2413 – 5151

5. Файзализода, Б.Ф. Мавқеи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон / Б.Ф. Файзализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – № 5, қисми 1. – С. 247-251. ISSN 2413 – 5151

6. Файзализода, Б.Ф. Нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил / Б.Ф. Файзализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №3, қисми 2. – С. 225-230. ISSN 2413 – 5151

7. Раҳмон Д.С., Файзализода, Б.Ф. Омилҳои ҳуқуқӣ-идории таъсиррасон ба инкишофи ҳуқуқ таҳсил дар Тоҷикистон / Д.С. Раҳмон ва Б.Ф. Файзализода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ - амалӣ). – Душанбе, 2022. – №4. ISSN 2414 – 9217

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

8.Файзализода, Б.Ф. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил / Б.Ф. Файзализода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон

(маҷаллаи илмӣ - амалӣ). – Душанбе, 2018. - №1 (09) – С. 129-134. ISSN 2414 – 9217

9.Файзализода, Б.Ф. Нақши мақомоти прокуратура дар таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил / Б.Ф. Файзализода // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон). – Душанбе, 2019 – С. 343-350.

10.Муминзода, Н.И., Файзализода, Б.Ф. Асосҳои ҳуқуқии рушди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ / Н.И. Муминзода, Б.Ф. Файзализода // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9-уми декабри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 130-141.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Диноршоҳ А.М.** – мовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Муҳаммадӣ И.С.** – сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи факултети 4 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

**Тоҷибоев Ш.А.** – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Ҳоҷибобо З.М.**– сардори кафедраи фанҳои давлатӣ – ҳуқуқии факултети 4 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо арзиши илмии рисола коҳиш надода, асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба пажӯҳиши таърихӣ-назариявии ҳуқуқ ба таҳсил, амалигардонии ҳуқуқ ба таҳсил дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ ва шароити имрӯза, монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил, шакл ва тартиби амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил шароити имрӯза ва монанди ин масъалаҳоро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва

таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

–ташаккул ва инкишофи таърихии ҳуқуқ ба таҳсилро дар Тоҷикистон, аз ҷумла ташаккули ҳуқуқ ба таҳсил ва раванди таълим дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ, инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва давраи амали он дар сарзамини таърихии тоҷикон, инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон ва инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолиятро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст;

– мафҳуми «ҳуқуқ ба таҳсил»-ро ба маънои субективӣ, объективӣ ва хусусиятҳои хоси ҳуқуқи зикршударо муайян намудааст;

–принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсилро мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин бобат ба қонунгузорӣ пешниҳоди амалӣ намудааст;

– мавқеи ҳуқуқ ба таҳсилро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян намудааст;

– механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсилро таҳлил намудааст;

– омилҳои ҳуқуқӣ – идории таъсиррасон ба инкишофи ҳуқуқ ба таҳсилро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, пешниҳодҳои назаррас манзур намудааст;

– сатҳ ва сифати амалигардии ҳуқуқ ба таҳсилро вобаста ба шароитҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар давраҳои таърихии Тоҷикистон таҳлил намудааст;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

– Маводи рисола дар маҷмуъ барои омӯзиш ва таҳкими минбаъдаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил, аз ҷумла, ташаккули назарияи муосири ҳуқуқи инсон ва талаботи ташкили механизми самарабахши татбиқу таъмини онҳо дар Тоҷикистон пешбинӣ мешавад;

– Ҳамзамон, муқарраротӣ асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин чараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи граждании ва ғ. истифода бурда шаванд.

– Як зумра муқаррарот, ки дар рисола ба таври бевосита ва (ё) бавосита оварда шудаанд, ки барои ташаккули донишҳои умуминазариявӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи конститутсионӣ хизмат менамоянд;

– Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили низоми ҳуқуқии миллӣ дар алоқамандӣ бо дастовардҳои нави ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳкими арзишҳои демократӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба таҳсил истифода шаванд;

– Бобати такмил додани масъалаҳои гуногуни инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил, пешниҳодҳои мушаххас баён гардидааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди диалектикӣ, низомнок, таркибӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо истифода шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли А.Ғ. Холиқзода, Д.С. Раҳмон, Э.С. Насурдинзода, А.И. Имомов, А.М. Диноршоҳ, Б.А. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, Н.И. Муминзода, Ф.С. Мирзозода, Р. Юсуфбеков, Ҳ.Ш. Имомов, Н.И., Э.Б. Буризода, Ҷ. Саъдизода, Никитина, Р.Ш. Мешеров, А.В. Богданов, С.А. Авакян, Н.П. Демидова, К.Н. Гусейнова, О.Н. Столбушинская, Н.С. Голубкова, В.В. Рибакова, М.В. Смирнова, О.В. Стулникова, О.А. Теплякова Т.С. Румянтсева, О.А. Теплякова, И.В. Тяпкина, Д.Б. Бердникова, С.А. Мишенко ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

– Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои онро метавон дар такмили қонунгузории миллӣ ва таҳияву таҷдиди меъёрҳои нави ҳуқуқ вобаста ба ҳимояи хуқуқ ба таҳсил ва рушди кафолатҳои амалигардии он истифода намуд;

– Инчунин, баҳри баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандону шахсони алоҳида ҷиҳати ҳимояи хуқуқ ба таҳсил, дар амал татбиқ намудани он ва таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо дар Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард;

– Мавод, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар ҷараёнитаълими фанҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ барои бакалаврҳо ва магистрони факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, инчунин барои омода намудани мутахассисон барои супоридани имтиҳони тахассусӣ истифода шаванд;

– Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон, назарияи давлат ва ҳуқуқ, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон

курсҳои махсус, инчунин ҳангоми навиштани рефератҳо, корҳои курсӣ, магистрӣ, дипломӣ ва воситаҳоитаълимӣ, истифода мешаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои таърихӣ - назариявӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқ ба таҳсил, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил, тартиби амалигардии он, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои таҷдиди ҳуқуқи инсон ба таҳсил асос меёбанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** чунин муайян карда мешавад: натиҷаҳои илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла, пешниҳодҳои назариявӣ, хулосаҳо, навгонии асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд; асоснок ва тарҳрезӣ намудани тавсияҳои амалии бадастоварда аз ҷониби муаллиф манзур шудааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 30-уми майи соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Файзализода Бахтиёр Файзаль дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 7 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**30 майи соли 2023**